**КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ФАРМОИШ

аз «1» июни соли 2022 № 112/ид ш. Душанбе

Дар бораи таъсиси
шӯрои диссертатсионӣ

Мутобиқи бандҳои 9 ва 18 Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (минбаъд - Комиссия) (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270) ва банди 15 Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267)

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Шӯрои диссертатсионӣ оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D050700 – Менеҷмент (6D050702 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ), 6D052000 – Бизнес-маъмуриятчигӣ (6D052002 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) ва 6D051100 – Маркетинг (6D051101 – Маркетинг), барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисосҳои 08.00.04 Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ ва 08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) ва 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (маркетинг) дар назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон таъсис дода шавад.

2. Ба шӯрои диссертатсионӣ ваколати қабул ва баррасии диссертатсияҳо оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D050700 – Менеҷмент (6D050702 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ), 6D052000 – Бизнес-маъмуриятчигӣ (6D052002 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) ва 6D051100 – Маркетинг (6D051101 – Маркетинг) вогузор карда шавад (замимаи 1).

3. Ба шӯрои диссертатсионӣ қабул ва баррасии диссертатсияҳо ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосҳои 08.00.04 Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ ва

08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) ва 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нарзгузорӣ (маркетинг) иҷозат дода шавад (замимаи 2).

4. Ҳайати шӯрои диссертатсионӣ 15 нафар ҳисобида шавад.

5. Фаъолияти шӯрои диссертатсионӣ бо риояи қатъии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда шавад.

6. Рамзи шӯрои диссертатсионӣ 6D.KOA-063 муайян карда шуда, мӯҳлати фаъолияти он 5 (панҷ) сол муқаррар карда шавад.

7. Нусхаи фармоиши мазкур дар мӯҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.

8. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи муовини раиси Комиссия Иброҳимзода Д.Э. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2022, №6.

Раис Розиқзода А.